# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Сафаров Абдували Маҳмадсаидович дар мавзӯи “Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ)**

Сафаров Абдували Маҳмадсаидович соли 2003 мактаби миёнаи №2-и ноҳияи Ховаланги вилояти Хатлонро хатм намуда, худи ҳамон сол ба Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба шуъбаи рӯзонаи 260202-менеҷмент дохил шудааст. Донишкадаи номбурдаро соли 2008-ум бомуваффақият хатм намуда, соҳиби тахассуси менеҷер гардид.

Сафаров Абдували Маҳмадсаидович аз 2008- 2011 дар ҶДММ “Кишт-М”, ба сифати менеҷер аз соли 2011-2014 дар ҶДММ “Кишт-М”, ба сифати шуъбаи кардҳо, аз соли 2014- 2017 дар ҶДММ “Кишт-М”, ба сифати роҳбари рушди тиҷорат ва аз сентябри соли 2017 то инҷониб Менеҷери рушди тиҷорати ҶДММ “Эҷодиён” фаъолият менамояд.

Сафаров Абдували Маҳмадсаидович аз соли 2019 то инҷониб ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи менеҷмент ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият мекунад.

Аз донишҷӯи бахши сеюми Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Имтиҳонҳои минимуми номзадии зерин супорида шудаанд (Шаҳодатномаи 490 аз 06.07. 2019): аз забони англисӣ (06.07.2019, баҳо 5 «аъло»), таърих ва фалсафа (24.04.2021, баҳо 5«аъло») ва ихтисос (30.06.2021 баҳо 5 «аъло»).

Сафаров Абдували Маҳмадсаидович аз соли 2019 то инҷониб ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи менеҷменти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолияти илмию таҳқиқотиро дар мавзӯи “Такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ” ба роҳ мондааст.

Яке аз самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоию иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир ин дастгирӣ ва рушди сайёҳӣ ба ҳисоб меравад. Шароити муосири рушди иқтисодиёти миллӣ гувоҳӣ медиҳад, ки ҳукумати мамлакат ҷиҳати тадриҷан боло баардоштани сатҳу сифати зиндагонии аҳолии мамлакат ва паст намудани шиддати бекорӣ барномаҳои ҳадафманд қабул намуда, бо мақсади таъмини рушду босуботи иқтисодиёт ташабусҳои нав ба наву созандаро ба роҳ мондааст. Аз ҳамин лиҳоз ташаккули инфрасохтори сайёҳӣ дар мамлакат идома дошта ба омили муҳим, яъне такмили механизми пешниҳоди хизматрасониҳои туристӣ такя менамояд. Раванди мазкур имконият медиҳад, ки дар мамлакат ҷойҳои кории нав ба вуҷуд омада, аҳолии қобили шуғл ҷалб гардида дар ин замина иқтисодиёти кишварамон рушд намояд.

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, се боби матни асосӣ, хулоса, рӯихати адабиёт ва замимаҳо иборат аст. Мӯҳтавои асосии таҳқиқ дар 177 саҳифаи чопи компютерӣ, 15 ҷадвал ва 14 расму диаграммаро дар бар мегирад.

Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ Сафаров А.М. бо истифода аз методҳои илмӣ дар самти тавсеаи донишҳо доир ба такмилдиҳии механизми ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст.

Ба натиҷаҳои асосии таҳқиқот, ки дорои навоварии илмӣ мебошанд, бандҳои зерин дохил мешаванд:

1. Тақвият бахшидани ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии рушди туризм ва пешниҳоди таърифи нави рушди туризм дар асоси адабиёти илмии ба мавзӯъ бахшидашуда, инчунин ошкорсозии омилҳои ба рушди туризм таъсиррасон;

2. Таҳияи усули ягона ҷиҳати муқаррар намудани ҳолати рушди хизматрасониҳои сайёҳи ва ба ин васила таҳқиқи объектҳои асосии рушди соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3. Таҳлили ҳолати муосир ва коркарди тавсияҳои амалӣ дар натиҷаи таҳқиқи чуқури вазъи соҳа бо дарназардошти омилҳои мухталифи ба сифати хизматрасонии туризм мутаассир, инчунин таҳлили пурсишномаи анҷомдодашуда, ки аз тарафи субъектҳои соҳа иҷро шудааст, таҳияи SWOT таҳлил

4. Таҳияи амсилаи иқтисодӣ математикии рушди нишондиҳандаҳлои туризм ва дар ин асос ояндабинии ҳолати соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ошкорсозии монеаҳои рушди соҳа, ки дар натиҷаи истифодаи афзорҳо ва услҳои маъмул ҷамъбаст гардидааст.

5. Самтҳои асосии такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди хизмарасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ ошкор гардида, омилҳо ва механизмҳои асосии соҳа дар бандҳои алоҳида зимни баррасӣ ва муҳокимаҳо бо ироаи тавсияҳои мушаххас таҳия карда шудааст;

6. Механизми муосири ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ тарҳрезӣ карда шуда муқаррар гардидааст, ки рушди минбаъдаи соҳа ба бартарафсозии мушкилоти зерин: молиявӣ - қарзӣ, иттилоотӣ - таҳлилӣ, ташкили фазои мусоиди корӣ, писихологияи муосири ҷомеа рабт мегирад ва ба васеъ гардонидани иқтидори иқтисодии объектҳои сайёҳӣ вобаста мебошад.

Дар тадқиқот аз вобастагӣ ба масъалаҳои ҳалталаби дар пешгузошташуда чунин усулҳои тадқиқот истифода бурда шуданд: иқтисодӣ-оморӣ, абстрактӣ – мантиқӣ, монографӣ, ҳисобӣ-конструктивӣ, таҳлили оморӣ, мушоҳидаҳои шахсии муаллиф ва ғайра.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия аз он иборат аст, ки дар он як қатор хулосаҳо ва як қатор тавсияҳо оид ба такмилдиҳии механизми ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ пешниҳод гаштаанд. Пешниҳодоти илмии муаллифро метавонанд аз тарафи сохторҳои минтақавӣ, ҷамоатҳои деҳот, ҳокимиятҳо дар ҷараёни беҳтаргардонии самтҳои алоҳидаи рушди соҳаи сайёҳӣ истифода намоянд.Тавсияҳои назариявӣ ва методӣ, ки дар диссертатсия оварда

шудаанд, дар ҷараёни таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон тадбиқ карда шудаанд ва дар таълими фанҳои иқтисоди корхона, менеҷменти сайёҳӣ, менеҷменти иҷтимоӣ, иқтисодиёт ва иҷтимоиёти меҳнат, таҳлили иқтисодӣ, навиштани корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатм истифода бурда мешаванд.

Сафаров А.М. муаллифи беш аз 7 мақола, аз ҷумла 4 мақолаи тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, ки доир ба сатҳи баланди илмӣ ва мустақилияти он шаҳодат медиҳад.

Сафаров А.М. дар ҷараёни фаъолияти бирёрсолаи роҳбариаш худро ҳамчун корманди соҳибтахассус нишон идода дар ҳамбастагӣ корҳои маъмурӣ корҳои таҳқиқотию илммиро мувафақона ба сомон расонидааст.

Сафаров Абдували Маҳмадсаидович ҳамчун корманди соҳаи сайёҳӣ ва тиҷоратӣ дорои хислатҳои ҷустуҷуву омӯзиши пайваста, эҷодкориву ҳадафмандӣ, қобилияти баланди меҳнатӣ ва масъулиятшиносӣ, маҳорати дар сатҳи баланд роҳандозӣ намудани корҳои илмию таҳқиқотӣ, таҳлил ва қабули қарорҳои мустақил ва муайянсозии роҳҳои ноилшавӣ ба ҳадафу вазифаҳои гузошташуда мебошад.

Кори диссертатсионии тақризшаванда дар мавзӯи “Такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ” анҷомёфта буда, аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯй ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ мебошад.

Сафаров Абдували Маҳмадсаидович бомувафақият аз уҳдаи мақсаду вазифаҳои таҳқиқотии гузошташуда баромад ва барои мушарафгардонӣ ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ), КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сазовор мебошад.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти диссертатсионӣ мантиқан кори мустақили илмию таҳқиқотии дорои муҳимияти муҳими иҷтимоию иқтисодии ҳалли масъалаҳои илми ҳисобида шуда, барои ҳимоя тавсия дода мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**н.и.и., дотсент, мудири кафедраи**
**менеҷмент** **Мирзоалиев А.А.**

Имзои н.и.и. дотсент, мудири кафедраи менеҷмент А.А. Мирзоалиев – ро тасдиқ менамоям:

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва**
**корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии**
**тиҷорати Тоҷикистон** **Пирзода С.С.**